«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор ____________ Раҳмон Д.С.
«_25_» ___________ соли 2022

# ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи "Таҳлили сохторӣ ва маънои истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300- Забоншиносӣ (6D021302 Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

## Маълумоти мухтасар дар бораи довталаб:

Робияи Абдусамад факултети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро соли 2016 дар зинаи бакалавр бо ихтисоси «Забони англисӣ» хатм намудааст. Солҳои 2016-2018 зинаи магистрантураи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси «Забони англисӣ» хатм намудааст. Солҳои 2019-2022 дар зинаи докторантураи PhD-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб бо ихтисоси «Забони англисӣ» таҳсил намудааст.

Дар давоми фаъолияти кориаш муҳаққиқ Робияи Абдусамад аз соли 2018 ассистенти кафедраи забонҳои англисӣ шуда кор карда истодаст.

**Роҳбари илмӣ:** Каримов Шухрат–доктори илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети забони англисӣ ва забонҳои Шарқ – и Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад.

**Шурои олимони факулети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар муҳокимаи рисола ба чунин хулоса омад**:

Мавзуи рисолаи илмӣ – таҳқиқотии Робияи Абдусамад яке аз масъалаҳои муҳим буда, бо назардошти талаботи замон барои рушди илми забоншиносӣ, махсусан забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ интихоб ва дар маърази таҳқиқ қарор гирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот:** – Ҳадаф ва мақсади асосии рисолаи мазкур пажӯҳиши марҳила ба марҳилаи таърихи истилоҳсозӣ, муайян кардани дараҷаи инкишофи истилоҳот дар давраҳои гуногун, нишон додани ҷараёни ташаккули истилоҳоти забоншиносии забони муосири тоҷикӣ, роҳҳои беҳтари истилоҳсозӣ, истифодаи самарабахши захири луғавии забон, шеваҳои дурусти корбурди истилоҳоти иқтибосӣ, таҳияи

пешниҳодот барои муайян кардани усулҳои солими вожасозӣ ва истилоҳшиносӣ дар забони адабии тоҷикӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.**

- муайян кардани вижагиҳои сохторӣ-маъноии истилоҳот, падидаи иқтибосот ва равишҳои ташаккулёбии унсурҳои истилоҳӣ дар системаи китобдории забонҳои муқоисашаванда;
- ошкор намудани роҳу усулҳои ташаккул ва рушди истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
-омӯзиши масъалаи ташаккули истилоҳот ба воситаи усули вандӣ дар забонҳои мавриди муқоиса;
- таҳлил намудани хусусияти сохтории ибораистилоҳот ва ё истилоҳ ибораҳои соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;
- ошкор намудани фарқият, монандӣ ва тафовути истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда;
- таҳлил намудани истилоҳоти мураккаби соҳаи китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда.

**Асосҳои назарии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқот аз он сарчашма мегирад, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушд ва инкишофи минбаъди назарияи истилоҳоти китобдорӣ, роҳҳо ва манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули он, методҳои истилоҳот, асосҳои назариявии забоншиносӣ ҷиҳати пешбурдаи бахшҳо дар забоншиносии тоҷикӣ ва англисӣ, инчунин барои татбиқи воситаҳо, рушди назарияи умумӣ, омӯзиши қиёсӣ, методологӣ ва типологияи забонҳо мусоидат хоҳад кард. Асосҳои назариявии таҳқиқотро дар асарҳои илмии олимони барҷастаи забоншиноси тоҷик ва хориҷи кишвар баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Аз он ҷумла дар асарҳои Е. И.Шамурин, Н. И.Тюлина, В. В. Сквортсов, Ч. Криер, Т. Брау, Н. Морси, В. И. Ленин, Ф. Споффорд, К. Р. Симон, Л. Б. Хавкина, Т. Чефферсон, Г. Баде, Ч. Баблэ, Л. Гарнетт, К. Патмор, Э. Госс, Р. Проктер, С. Коттон, А.Н. Ванеев, В. И. Соболшиков, И.А. Крилов, М. Дюи, Ч. Кеттер, Ф. Поол, Л. Еллесмера, А. Патинси, Э. Эдвард, А. Эберт, М. Шриттингер, М. В. Ломаносов, А. И. Богданов, Х.А. Чеботарев, В. В. Киприянов, О. Талалакина, И. Владиславович, С. Сулаймонӣ, И. Ҷӯраев, Ҷ. Раҷабов, М. Каримов, С. Назарзода, С. Ҷаматов, Каримов. Ш ва дигарон асосҳои назариявиро оиди истилоҳот мушоҳида кардан мумкин аст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки мавзуи мазкур аввалин маротиба дар забоншиносии муқоисавӣ-типологӣ мавриди омӯзиши мушаххас қарор гирифтааст.

Илова бар ин, арзиши назариву амалии таҳқиқоти анҷомёфта дар он аст, ки натиҷаи истифодаи самаранокии истилоҳоти китобдорӣ, дар раванди таҳсилот, дар китобхонаҳои муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ ва умумӣ, дар муассисаҳои фарҳангӣ, инчунин дар коркард, навишти рисолаҳои илмӣ, семинару конфронсҳои махсус, гузаронидани лексияҳо аз фанҳои грамматикаи муқоисавӣ-типологӣ, луғатшиносӣ, китобхонашиносӣ, таълифи корҳои илмӣ методӣ, барои мураттабсозии луғатҳои дузабона ва бисёрзабона метавонад замина ва манбаи муфид гардад.

Дар баробари ин, таҳқиқи мазкур зимни муайян намудани сарчашмаҳои ташаккулёбӣ ва рушди истилоҳоти забони тоҷикӣ ва англисӣ, роҳу усулҳо ва методҳои ташаккули истилоҳот кӯмак расонад.

Арзишу аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ доштани истилоҳот боиси он гардид, ки намояндагони риштаҳои гуногуни илму фан ба гирдорварию таҳқиқ ва баррасиву омӯзиши истилоҳот рӯй оваранд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгонии асосии диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки истилоҳоти соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал мавриди таҳқиқи алоҳидаи лингвистӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва луғавии истилоҳоти фавқуззикр мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, равишҳои имконпазири ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Масъалаи асосӣ дар диссертатсияи таҳқиқшаванда аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ шудааст. Муаллифи диссертатсия бо такя ба маводи илмӣ дар хусуси истилоҳот аз луғатномаҳову вожаномаҳо ва истилоҳномаҳои осори тоҷикӣ ва русиву англисӣ муҳимтарин хусусияти истилоҳот, тарзи сохторӣ, усулҳои асосии истилоҳсозӣ, таҳлили ибора ва ибораистилоҳот, тарзи сохторӣ ва маънои истилоҳоти соҳаи китобдориро муайян кардааст. Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашргардида аз тарафи муаллиф натиҷаи асосии таҳқиқот инъикос ёфтааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки муҳаққиқ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти мазкур 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки паҳлуҳои гуногуни раванди таҳқиқотро инъикос менамоянд. Аз ҷониби олимону муҳаққиқони тоҷик арзишмандии мақолаҳо эътироф шудаанд. Аз рӯйи мавзуоти

диссертатсия дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҳарсолаи ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар солҳои 2019 – 2022 маърӯзаву мақолаҳо ба нашр расидаанд.

Кори илмии муҳаққиқ дар маҷаллаҳое нашр шудаанд, ки ба номгӯйи маҷаллаҳо ва нашрияҳои аз ҷониби Муассисаи давлатии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шудаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи рисола: Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Хулосаи асосии диссертатсия дар 10 мақолаи илмии ба чоп расида инъикос ёфтаанд, ки 4-тои он дар маҷаллаҳои шомили феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд

**Сохтор ва ҳаҷми рисола:** Таҳқиқи диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, бахшу зербахшҳои натиҷаҳои асосии илмии рисола ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, охирсухан, номгӯи адабиёт бо зербахшҳои феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ, инчунин замима иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 182 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 6 диаграмма ва 8 ҷадвалро дар бар гирифтааст.

Феҳристи адабиёт фарогири номгӯйи адабиёти зарурии илмӣ буда, микдорашон ба 197 адад мерасад. Ҳамчунин, фарҳангу луғатҳои зарурӣ низ оварда шудаанд.

Боби якуми рисола – “**Заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда»** ном дошта, аз чунин фаслҳо иборат аст: мафҳуми истилоҳ ва таърихи таҳқиқоти он, масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносӣ, заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои қиёсшаванда ва нақши аломатҳои китобат дар ташаккули фарҳангҳои истилоҳоти китобдорӣ. Дар асоси омӯзиш ва таҳлили андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ва дигар манбаҳои назариявию эмпирикӣ, паҳлуҳои мухталифи масъалаи пешниҳодшуда, ҳамаҷониба таҳқиқ гардид.

Боби дуюми рисолаи илмӣ – таҳқиқотӣ **«Таҳлили сохтории истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, аз

чунин бахшҳо иборат мебошад: усулҳои асосии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ташаккули истилоҳот ба воситаи вандҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ташаккули истилоҳоти китобдорӣ ба воситаи пасвандҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ташаккули истилоҳоти китобдорӣ ба воситаи пешвандӣ дар истилоҳоти китобдорӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ, истилоҳоти мураккаби китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ибораистилоҳоти соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ихтисораи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

Боби сеюми рисолаи илмӣ – таҳқиқотӣ **«Таҳлили маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ном дошта, аз чунин бахшҳо иборат мебошад: сермаъношавии истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, муродифотшавии истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ҳамгуншавии истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, мутазодшавии истилоҳоти китобдории забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, вожаҳои иқтибосӣ дар истилоҳоти китобдорӣ**, хулоса,** натиҷаҳои асосии илмии рисола, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, номгӯи адабиёт, феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.

Маводҳои нашршудаи докторант мазмуни рисоларо пурра фаро мегиранд.

Дар маҷмуъ, мазмун ва мундариҷаи таҳқиқот барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат менамояд.

Рисола аз рӯйи натиҷаи назариявӣ, хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Бо назардошти хулосаҳои муқарризон ва муҳокимаи рисола Шурои олимони факулети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Рисолаи докторанти PhD- и кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ Робияи Абдусамад дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии

истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ-6D021302-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ кори мустақилона ва бaaнҷомрасида ҳисоб карда шавад.

2. Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ-6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ, пас аз ислоҳ намудани камбудиҳо барои баррасӣ ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-068-и назди Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ пешниҳод карда шавад.

Хулосаи Шурои олимони факулети филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 23.11.2022 омода гардидааст.

Раисикунандаи Шурои олимони
факулети филологияи хориҷии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, н.и.ф, дотсент,
мудири кафедраи методикаи
таълими забонҳои хориҷӣ Гуламадшоев Ш.Ш.

**Муқарризон:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидзода Ҳ.

номзади илмҳои филологи, муаллими калони
кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ Муродов Б. Р.

Котиби Шурои олимони факултети
филологияи хориҷии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои филологӣ Шарипов Х.А.

Имзоҳои Гуламадшоев Ш., Гулямов Ҳ.Қ.
ва Шарипов Х.А.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ф.А. Амиров

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров 16
Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj